# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ № 45
# КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

## МАВЗӮҲОИ АСОСӢ:

- Семинар оид ба тақвият бахшидани ҳамкории байни Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва шӯроҳои минтақавӣ
- Рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ
- Омодагӣ ба мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон ва Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории Душанбе-2014
- Тақвияти ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ
- Ташрифи ҳайати мутахассисони ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон
- Фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ
- Ислоҳот дар самти  беҳтар намудани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ дар бахши суғурта

## СЕМИНАР ОИД БА ТАҚВИЯТ БАХШИДАНИ ҲАМКОРИИ БАЙНИ КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ШӮРОҲОИ МИНТАҚАВӢ

18 июли соли 2014, дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон семинар оид ба тақвият бахшидани ҳамкории байни Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва шуроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуд.

Дар кори семинар намояндагони мақомоти давлатӣ, котиботҳои шуроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушди Тоҷикистон иштирок намуданд.

Мизи мудавварро Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Нуъмон Абдуҷаборов ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки мақсади доир намудани семинар тақвият бахшидан ба муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, инчунин мубодилаи афкор байни шарикон мебошад.

Инчунин, дар семинар бо сухани ифтитоҳӣ муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нигина Абдуллоева баромад намуд.

Сипас маърузаҳои Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва роҳбарони котиботҳои шуроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ВМКБ, вилояти Суғд ва водии Рашт шунида шуда, самтҳои ҳамкорӣ ҷиҳати беҳтар намудан ва тақвият бахшидани робитаи байни котиботи шурои миллӣ ва шуроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ баррасӣ гардиданд.

Дар қисмати дуюми семинар омилҳои садди роҳи раванди татбиқ ва риояи қонунҳо, сабабҳои ба миён омадани онҳо, роҳҳои бартараф намудан ва ҳалли чунин масъалаҳо аз ҷониби намояндагони вазорату идораҳои давлатӣ, бахши хусусӣ, ассосиатсияҳои соҳибкорӣ, шаҳрвандон ва шарикони рушд муҳокима гардиданд. Қайд карда шуд, ки чунин муҳокимаҳо ба рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, инчунин ҳалли доираи васеи масъалаҳои марбута мусоидат менамоянд.

Дар қисмати сеюми семинар роҳбарони котиботи шурои миллӣ ва шуроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ тавсияҳои худро ҷиҳати беҳтар намудани робита ва тақвият бахшидани ҳамкории байни котиботи шурои миллӣ ва шуроҳои минтақавӣ пешниҳод намуданд.

Аз ҷумла роҳҳои беҳтар намудани ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои тарафайн вобаста ба омода намудани пешниҳодот ва тавсияҳо ба Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва шуроҳои минтақавӣ, таҳлил ва баҳогузории пешниҳодот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ барои ҷаласаҳои Шурои миллӣ ва шуроҳои минтақавӣ (интихоби мавзӯҳо), мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои миллӣ ва шуроҳои минтақавӣ ва таъмини иттилоотии фаъолияти онҳо пешниҳод карда шуданд. Зикр гардид, ки дар амал татбиқ намудани пешниҳодҳои иброзгардида метавонанд робита ва ҳамкории байни котиботи шурои миллӣ ва шуроҳои минтақавиро ба қадри назаррас тақвият бахшида, ба беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ дар мамлакат мусоидат намоянд.

# РУШДИ МУКОЛАМАИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР САТҲИ МИНТАҚАВӢ

21 июни соли 2014, дар ноҳияи Рашт, таҳти раёсати Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар водии Рашт – мӯҳтарам Қодири Қосим, ҷаласаи дуюми Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар водии Рашт баргузор гардид.

Ҷаласаро Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ - Қодири Қосим оғоз намуда, ҳозиринро бо 17 солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ табрик кард ва ба онҳо осмони софу рӯзгори осударо орзу намуд.

Сипас, вобаста ба масъалаи якум Раиси Шӯрои машваратӣ, Қодири Қосим баромад намуда, Котиби Шӯрои машваратии минтақавӣ - Зафар Ҳисориев ва узви тозаинтихоби Шӯрои машваратии минтақавӣ аз ҷониби шарикони рушд, менеҷери минтақавии Барномаи инкишофи иҷтимоии манотиқи кӯҳистони Хазинаи Оғохон - Шарипов Маҳмадиро ба ҳозирин муаррифӣ кард ва ба онҳо фаъолияти пурсамар ва барори кор орзу намуд.

Оид ба масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа роҳбари ширкати сайёҳии «Сайёҳ» Мирзошоҳ Акобиров баромад намуда, натиҷаҳои таҳлил ва тавсияҳоро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар водии Рашт муаррифӣ кард.

Зикр карда шуд, ки дар заминаи таҳлили рушди туризм дар водии Рашт, лоиҳаи нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар водии Рашт таҳия гардидааст.

Аз ҷумла, вобаста ба нақши шарикони рушд дар гузаронидани таҳлил ва татбиқи тавсияҳо оид ба рушди бахши туризм дар водии Рашт роҳбари Барномаи рушди бахши хусусии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ Хартвиг Унгетум баромад намуд.

Инчунин ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар водии Рашт ҳамраисони Шӯро, Раиси ноҳияи Рашт- Сайдумрон Абдураҳмонзода, Раиси ноҳияи Нуробод - Сайдамир Сиёмардзода, Раиси ноҳияи Тоҷикобод - Ҳусейн Ализода, Раиси ноҳияи Ҷиргатол - Умедхоҷаи Зоир Муовини якуми Раиси ноҳияи Тавилдара – Қурбон Маҳмудов баромад карданд.

Аз рӯи масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа аъзои Шӯро, директори ҶДММ «Меҳробфарм»-и ноҳияи Рашт - Мирзоалӣ Камолов ахборот дода, масъалаи беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ дар водии Раштро ба баррасии ҷаласаиояндаи Шӯро пешниҳод кард, ки он аз ҷониби ҳамаи аъзоёни Шӯрои машваратӣ дастгирӣ ёфт.

Дар хотимаи ҷаласа аз ҷониби Қодири Қосим - Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар водии Рашт ба масъулин ва намояндагони мақомоти ноҳиявии вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба масъалаҳои дар ҷаласа баррасигардида, дастуру супоришҳои дахлдор дода шуд.

Аз ҷумла, нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар водии Рашт бо назардошти фикру андешаҳои иштирокчиёни ҷаласа тасдиқ гардида, барои иҷро ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои водии Рашт ирсол карда шуд.

Ба Котиботи Шуро супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои водии Рашт барои рушду нумуи соҳаи кишоварзӣ дар водӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти соҳа дар минтақаи Рашт аз ҳисоби намояндагони мақомоти ноҳиявии вазорату идораҳои дахлдор ва бахши хусусӣ ва бо дастгирии шарикони рушд гуруҳи корӣ таъсис дода, вазъи соҳаи кишоварзиро дар водии Рашт таҳлил намоянд.

Натиҷаҳои таҳлил бо тавсияҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ дар водии Рашт ба ҷаласаи оянда Шуро пешниҳод карда шавад.

## ОМОДАГӢ БА МУЛОҚОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО СОҲИБКОРОН ВА САРМОЯГУЗОРОНИ ВАТАНИЮ ХОРИҶӢ

Бояд қайд кард, ки ҷалби бештари сармоягузориҳо ва рушди соҳибкорӣ тавассути беҳтар намудани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба меъёрҳои байналмилалӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодиву иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, тибқи супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 30 майи соли 2014 мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон рӯзҳои 15-17 октябри соли ҷорӣ доир мегардад, ки дар доираи мулоқоти мазкур як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории Душанбе-2014 бо иштироки намояндагони созмонҳои байналмилалии молиявӣ, соҳибкорон ва сармоягузорон гузаронида мешавад.

Ҳадафи асосии баргузор намудани мулоқот ва Форуми иқтисодӣ ва сармоягузорӣ мусоидат ба беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ва ҷалби боз ҳам бештари сармоягузориҳо ба иқтисодиёти миллӣ, ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва шарикӣ байни соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ дар чунин соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ба монанди энергетика, саноат, инфрасохтор, фаъолияти бонкӣ, молия, хоҷагии қишлоқ ва сайёҳӣ мебошад, ки ба муосирнамоии техникию технологии корхонаҳои саноатӣ, коркарди пурраи ашёи хоми ватанӣ, истеҳсоли маҳсулоти тайёр ва

рақобатпазири ҷавобгӯи меъёрҳоибайналмилалӣ ва рушди иқтидори содиротии кишвар равона карда мешаванд.

Дар доираи мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон гузаронидани чорабиниҳои зерин пешбинӣ мегардад:

- **Рӯзи якум:** Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон, мубодилаи афкор ва қадрдонии соҳибкорону сармоягузорони арзанда.
- **Рӯзи дуюм:** Доир намудани **Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории Душанбе-2014** бо иштироки намояндагони созмонҳои байналмилалии молиявӣ, соҳибкорон ва сармоягузорон. Дар форуми мазкур мавзӯъҳои иқтисодӣ, аз қабили сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, саноат, кишоварзӣ, инфрасохтор, молия ва бонкдорӣ дар Тоҷикистон дар бахшҳои алоҳида мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории Душанбе-2014 дар самтҳои зерин фаъолияти худроба роҳ мемонад:

I. Ҷанбаҳои иқтисодиву иҷтимоии рушди устувор.
II. Сармоягузориҳо, инноватсияҳо ва инфрасохтор.
III. Рушди низоми устувори молиявӣ.
IV. Рушди тиҷорати беруна ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ.

- **Рӯзи сеюм:** Баргузории Форуми миллии рушд бо иштироки намояндагони воломақоми созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва муаррифии натиҷаҳои мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон.

Айни замон Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар сатҳи баланд доир намудани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон корҳои зеринро ба анҷом расонидааст:

- Лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба гузаронидани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон таҳия гардида, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд;

- Лоиҳаи Консепсияи гузаронидани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон ва Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории Душанбе-2014 таҳия гардидаст;

- Маводҳои тарғиботию ташвиқотӣ вобаста ба чорабиниҳои зикргардида таҳия карда шуда, таввасути васоити ахбори омма ба намоиш гузошта шудаанд;

- Бо намояндагиҳои созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ ва молиявӣ ҷиҳати дар сатҳи баланд доир намудани чорабинӣ ҳамкориҳо ба роҳ монда истодааст.

Ҳамзамон бо мақсади дар сатҳи баланд доир намудани чорабиниҳои мазкур аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати Кумитаи тадорукот тасдиқ карда шудааст, ки ҷаласаи нахустини он 2 августи соли 2014 таҳти роҳбарии Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Давлаталӣ Саид баргузор гардид.

Котиботи Шӯрои машваратӣ якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати дар сатҳи баланд гузаронидани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон ва Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории Душанбе-2014 як қатор корҳои муҳими дигарро анҷом дода истодаанд. Вобаста ба ин, маълумоти иловагӣ дар сомонаи Котиботи Шурои машваратӣ пешниҳод мешавад.

## ТАҚВИЯТИ ҲАМКОРӢ БО БАХШИ ХУСУСӢ

**Рӯзи 4 июли соли 2014** дар толори маҷлисгоҳи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ якҷо бо Раёсати дастгирии соҳибкории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар оид ба ислоҳот вобаста ба мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ мизи мудаввар баргузор гардид.

Дар кори мизи мудаввари мазкур намояндагони бахши хусусӣ, намояндагони Котиботи Шӯрои машваратӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ иштирок намуданд.

Дар ҷараёни кори мизи мудаввар масъалаҳои пурсиш аз ҷониби ҳайати ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” дар соли 2014, ислоҳоти татбиқшаванда ва дастовардҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, ки ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои мамлакат дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” мусоидат менамоянд, мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтанд.

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Н. Абдуҷаборов ба иштирокчиёни мизи мудаввар оид ба ислоҳоти татбиқшуда дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, аз ҷумла беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта, шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ, ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии мамлакат, фаъолияти гуруҳи корӣ оид ба ташкили бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ, фаъолияти гуруҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ маълумот дод. Сипас ба иштирокчиён

муроҷиат намуда, таъкид кард, ки ҳангоми пур намудани пурсишномаи ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” маълумоти заруриро дастрас намуда, онро бо дарки баланди масъулиятшиносӣ ва ҳисси баланди ватандустӣ пешниҳод намоянд.

Махсусан оид ба ислоҳоте, ки ба нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ таъсири мусбӣ мерасонад, инчунин Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

Дар хотимаи мизи мудаввар мубодилаи афкор миёни иштирокчиён сурат гирифта, Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ изҳор намуд, ки Котиботи Шӯрои машваратӣ ҳамеша омода аст, ки бо намояндагони бахши хусусӣ ҳамкориҳои зичро барқарор намуда, пешниҳодҳои онҳоро, ки ба беҳтар намудани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ дар мамлакат равона шудаанд, мавриди омӯзиш қарор диҳад ва ба баррасии ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ пешниҳод намояд.

## ТАШРИФИ ҲАЙАТИ МУТАХАССИСОНИ ҲИСОБОТИ “ПЕШБУРДИ СОҲИБКОРӢ”-И БОНКИ ҶАҲОНӢ БА ТОҶИКИСТОН

Аз санаи 27-уми май то 4-уми июни соли ҷорӣ ҳайати ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ бо мақсади омузиши ислоҳот ва дастовардҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар мамлакат, ки метавонанд ба баланд шудани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» мусоидат намоянд, ба Ҷумҳури Тоҷикистон ташриф оварданд.

Ҳайати ҳисоботи мазкур аз коршиносони байналмилалӣ Ҷулиан Левис – мушовири бахши «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ, Переклис Сараҷиотис ва Гаги Габриелян - мутахассисони рушди бахши хусусӣ, ташкили амалиёти тиҷорати байналмилалӣ, сармоягузорӣ ва фазои сармоягузории Бонки Ҷаҳонӣ оид ба «Пешбурди соҳибкорӣ» иборат буданд.

Ҳайати мутахассисони Бонки Ҷаҳонӣ якҷо бо кормандони Котиботи Шӯрои машваратӣ ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони якчанд вазоратҳо ва сохторҳои марбута, аз ҷумла Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Кумитаи сохтмон ва меъморӣ, Кумитаи андоз, Агентии Тоҷикстандарт, Хадамоти гумрук ва Бонки миллии Тоҷикистон гуфтушунидҳо баргузор намуданд.

Дар воҳӯриҳо бо шахсони масъули сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ислоҳот ва дастовардҳои соҳаҳои марбута ҷиҳати беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ ва масъалаҳои татбиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид

ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шудаанд.

Дар интиҳои вохӯриҳо рӯзи 4-уми май дар дафтари Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ видеоконфронс баргузор гардид, ки дар он ҳайати ташрифовардаи мутахассисони Бонки Ҷаҳонӣ якҷо бо кормандони Котиботи Шӯрои машваратӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Тоҷикистон ва мутахассиси гурӯҳи ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» –Ива Хамел аз Дафтари марказии Бонки Ҷаҳонӣ дар Вашингтон ислоҳоти татбиқшударо дар Тоҷикистон вобаста ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои ҷумҳурӣ дар ҳисоботи мазкур арзёбӣ намуданд.

Аз ҷумла ислоҳоти вобаста ба ташкил ва татбиқи пурраи низоми «Равзанаи ягона» барои бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ дар назди Кумитаи андоз, «Равзанаи ягона» барои пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ дар назди Кумитаи сохтмон ва меъморӣ, таъсиси КВД «Бақайдгирииии молу мулки ғайриманқул» дар назди Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ дар заминаи муттаҳидсозии КВД «Марказ-Замин» ва КВД «Хоҷагии манзилию комуналӣ» бо ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягона» барои бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул, таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи гарави амволи манқул» дар доираи фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Бонки миллӣ, ислоҳоти татбиқшуда дар самти кам кардани шумораи андозҳо ва соддагардонии маъмурикунонии андоз, низоми «Равзанаи ягона» барои барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ дар назди Хадамоти гумрук ҳамчун ислоҳоти назаррас арзёбӣ гардиданд.

Бояд қайд кард, ки ҳайати мутахассисони Бонки Ҷаҳонӣ ва гурӯҳи ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ ба ислоҳот ва дастовардҳои мамлакат дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, инчунин фаъолияти сохторҳои давлатӣ дар раванди амалигардонии ислоҳоти мазкур баҳои баланд доданд.

Эзоҳ: Хотиррасон менамоем, ки ҳамасола ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ дар 189 давлати аъзо баҳогузории рейтингӣ гузаронида, мавқеи давлатҳоро дар он муайян менамояд ва ба матбуоти сатҳи глобалӣ маълум менамояд. Ин баҳогузорӣ аз тарафи сармоягузорони хориҷӣ васеъ истифода бурда мешавад.

## ФАЪОЛИЯТИ ГУРУҲИ КОРӢ ОДИ БА РУШДИ БОЗОРИ ТАКРОРИИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК ВА БИРЖАҲОИ ФОНДӢ

Дар асоси супориши протоколии ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Бонки миллӣ вазифадор карда шуд, ки якҷо бо вазоратҳои молия,

рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гуруҳи корӣ таъсис дода, оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ таҳлили ҳамаҷониба доир намояд ва натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро пешниҳод кунад.

Ҷиҳати иҷрои супориши мазкур дар асоси фармони Раиси Бонки миллӣ санаи 29.12.2013 таҳти раёсати муовини аввали Раиси Бонки миллӣ гуруҳи корӣ таъсис дода шудааст.

Гуруҳи корӣ то имрӯз 5 ҷаласа баргузор намуда, дар онҳо санадҳои танзимкунандаи фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок ва ихтилофоти онҳо, омилҳои асосии боздорандаи рушди бозори коғазҳои қиматнок ва роҳҳои тадқиқ ва бартараф намудани онҳо, содатар намудани раванди листинг дар марҳилаҳои аввали ташкили бозори коғазҳои қиматнок, таъсиси феҳристи ягонаи электронии бақайдгирии коғазҳои қиматнок ва ғайра аз тарафи аъзои гурӯҳи корӣ мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Дар назар аст, ки гурӯҳи корӣ ҳисобот ва лоиҳаи нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати рушди бозори коғазҳои қиматнок ба ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратӣ пешниҳод намояд.

## ИСЛОҲОТ ДАР САМТИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА СОҲИБКОРӢ ДАР БАХШИ СУҒУРТА

Мавриди қайд аст, ки дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо, бахши хусусӣ ва бо дастгирии шарикони рушд гурӯҳи кории байнидоравӣ фаъолияти худро ҷамъбаст намуда, натиҷаҳои фаъолияти он дар намуди Ҳисобот бо тавсияҳои мушаххас омода шудааст. Дар заминаи Ҳисобот ва тавсияҳои омодашуда лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта таҳия гардида, якҷоя бо ҳисоботи гурӯҳи корӣ дар ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратӣ аз 30 майи соли 2014 муаррифӣ карда шуданд. Вобаста ба ин ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо супориш дода шуд, ки лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғуртаро мукаммал намуда, бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғуртаро такмил дода, бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа намуд. Айни замон Нақша чорабиниҳои мазкур барои баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод гардидааст.

Ҳамчунин бо мақсади ичрои супориши протоколии чаласаи 13-уми Шӯрои машваратӣ дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории байнидоравӣ оид ба таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқии бахши суғурта бо назардошти талаботи стандартҳои байналмилалии суғурта таъсис дода шуда, фаъолият намуда истодааст. Дар доираи фаъолияти гурӯҳи корӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” дар таҳрири нав таҳия карда шуда, бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда мешавад.

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Нумон Абдуҷаборов - Роҳбари Котибот***
***Дилшод Одинаев - мушовири иқтисодӣ***
***Манучеҳра Мадҷонова - мушовири иқтисодӣ***
***Сафарбӣ Файзова - ёвари маъмурӣ***